**Нусха**
**аз суратҷаласаи № 1**

ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

аз 30 августи соли 2022с.

Иштирок карданд: ҷамъ 17 нафар аъзои Шӯрои олимони факултет, кафедраи педагогикаи умумӣ ва кафедраи педагогика, психология ва методикаи тарбияи томактабии факултети педагогика

**Р ӯ з н о м а**

1. Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯ Ёров Акмал Боронович дар мавзӯи «Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (аз рӯи самт ва соҳаи фаъолият (13.00.06.01 Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ).

**Шунида шуд:**

Ҷаласаи васеи Шӯрои олимон-ро раиси Шӯрои олимони факултети педагогика номздаи илмҳои педагогӣ, дотсент Давлатзода Фаридун кушода эълон намуда, иброз намуданд, ки диссертатсияи Ёров Акмал Боронович дар мавзӯи «Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон)" дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ба анҷом расидааст. Мавзӯи рисолаи илмии Ёров А.Б. дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ соли 2017 тасдиқ гардидааст.

Боиси комёбиву пешравии соҳаи маориф, махсусан зинаи таҳсилоти томактабӣ мебошад, ки мутобиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 феврали соли 2022, №39/шд дар назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Шӯрои диссертатсионӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (аз рӯи самт ва соҳаи фаъолият (13.00.06.01 Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) таъсис дода шуд. Бинобар ин, ба Шӯрои диссертатсионӣ қабул ва баррасии диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии тибқи талабот аз рӯи аз

рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (аз рӯи самт ва соҳаи фаъолият (13.00.06.01 Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) иҷозат дода шуд.

Аз таҳқиқи рисола бармеояд, ки мазмуну мундариҷаи он таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ, яъне самти таҳсилоти томактабиро дар бар мегирад. Бинобар ин, унвонҷӯ Ёров А.Б. тибқи ихтисоси мазкур рисолаи илмиро бозбинӣ намуда, барои омӯзишу таҳлили муқарризон пешниҳод намуд.

Баъд аз хулосаи муқарризон, барои баррасии рисолаи ба анҷомрасидаи Ёров А.Б. дар санаи 27 июни соли 2022 маҷлиси якҷояи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва кафедраи педагогика, психология ва методикаи тарбияи томактабии факултети педагогикаи донишгоҳ баргузор гардид. (Суратҷаласа аз 27.06.2022, №5 замима мегардад).

Дар ҷаласаи имрӯзаи Шӯрои олимони факултети педагогика бори дигар баррасии рисолаи илмии Ёров Акмал Боронович дар мавзӯи «Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон)" баргузор мегардад.

Роҳбари илмӣ – Маҷидова Бибиҳафиза, д.и.п., профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Ҳоло сухан ба унвонҷӯ Ёров Акмал Боронович барои маърӯза оид ба муҳтавои таҳқиқоти диссертатссионӣ дода мешавад.

Ёров Акмал оид ба мубрамияти мавзӯъ, сатҳи омӯзиши илмии мавзӯъ, мундариҷаи мухтасари бобу қисматҳои диссертатсия ва натиҷаи корҳои гузаронидаи озмоишӣ мухтасар маърӯза кард.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти илмӣ масъалаҳои рушди афкори фалсафӣ, педагогӣ, дар бораи баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифоади технологияи компютерӣ муҳим шуморида мешавад.

Объекти таҳқиқот – технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ, ки дар раванди таҳсилот дар муассисаҳои томактабӣ мавриди истифодабарӣ қарор мегиранд.

Предмети таҳқиқот – шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар фаъолияти кормандони муассисаҳои томактабӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таҳсилоти кӯдакони синни томактабӣ.

Фарзияи таҳқиқот – аз мақсади он чунин бармеояд истифодабарии ТИИ ва баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон ҳамон вақт таъмин мегардад агар:

-мураббияҳо, роҳбарони муассисаҳои томактбӣ оид ба технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботии муосир маълумоти бештар ва зарурӣ дошта бошанд;

-дар раванди истифодабарии ТИИ хусусиятҳои синнусолӣ ва имконияту нерӯи омӯзишии кӯдаконро дуруст ба ҳисоб гирифта тавонанд;

-усулҳои истифодабарии ТИИ-ро дар раванди кори таълиму тарбиявӣ донанд ва онҳоро вобаста ба шароиту имкониятҳо бо таври эҷодӣ таъмин карда тавонанд;

-ҳангоми истифодабарии ТИИ бехатарии саломатии равонию ҷисмонии кӯдаконро таъмин намоянд;

-мунтазам сатҳи дониш, маҳорату малакаҳои касбии мураббиёну дигар кормандони педагогӣ оид ба мақсаду вазифаҳо ва роҳу усулҳои истифодаи ТИИ такмил дода шаванд.

Бо назардошти масъала, объект, предмет, мақсад ва фарзияҳо **вазифаҳои** зерини таҳқиқот муайян карда шуданд:

-таҳлилу баррасии таҳқиқотҳои илмӣ, технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ дар тамаддуни муошират, воридшавии онҳо ба истифодабарӣ дар иттилооти қонунии ҷомеа ва муассисаҳои таҳсилотӣ;

-муайян намудани имкониятҳои иҷтимоӣ-педагогии муассисаҳои томактабӣ барои истифодабарии ТИИ дар раванди ташкилу баргузории фаъолияти таҳсилотии кӯдакон мувофиқи талаботҳои синну солии онҳо;

-пешниҳод намудани қоидаҳо ва усулҳои истифодабарии ТИИ ба кормандони муассисаҳои томактабӣ;

-бо таври амалӣ нишон додани нақш ва ҷойгаҳи ТИИ дар раванди омӯзиши кӯдакони синни калони томактабӣ;

-ошкор кардани арзишмандии истифодабарии ТИИ дар раванди фаъолияти донишомӯзии кӯдакон;

-дар асоси баҳисобгирии дастовард ва мушкилотҳои истифодабарии ТИИ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ коркард ва пешниҳод намудани тавсияҳои педагогӣ.

Инчунин, дар идома муҳаққиқ асосҳои методологӣ ва назариявӣ, методҳои тадқиқотро нишон дода, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомадаро, ки дар диаграмма ва

таблитсаҳо инъикос гардидаанд, ба ҳозирин муаррифӣ намуд. Баъд аз баромад ба саволҳои пешниҳодшудаи иштирокчиёни ҷаласа н.и.п. Наимов З., н.и.п. Арбобова Ф. н.и.п. Қурбонова Г., н.и.п. Қурбонова З. ва ҷавобҳои муфассал дод.

Сипас муқарризони холиси диссертатсия: Қурбонова З. – номзади илмҳои педагогии кафедраи педагогика, психология ва методикаи тарбияи томактабии факултети педагогика, Қурбонова Г. – номзади илмҳои педагогӣ, муаллимаи калони кафедраи педагогика, психология ва методикаи тарбияи томактабии факултети педагогика мухтасар андешаву мулоҳизоти худро оид ба мазмуну мундариҷа ва дараҷаи иҷроиши рисолаи илмӣ иброз намуда, дар умум ба диссертатсия баҳои қаноатбахш дода, онро барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ тавсия карданд.

Раиси ҷаласа Давлатзода Ф. фикру ақидаи ибрознамудаи муқарризон, иштирокчиёни ҷаласаро ҷамъбаст намуда, аз ҷумла қайд намуданд, ки мавзӯи таҳқиқотии Ёров Акмал Боронович «Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон)"дар зинаи таҳсилоти томактабӣ мавзӯи мубрами рӯз маҳсуб ёфта, кормандони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба чунин мавод ниёз доранд. Диссертатсия барои ташхиси минбаъда ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Дар анҷоми муҳокима бо назардошти пешниҳодоти иштирокчиён аз ҷониби аъзоён ҷаласа,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Ёров Акмал Боронович дар мавзӯи "Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон)" таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта ҳисобида шуда, барои ҳимоя дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шӯрои олимон қабул карда шудааст. Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

Тарафдор - 17 нафар

Муқобил – нест

Бетараф – нест

Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои
педагогӣ, дотсент, раиси Шӯрои олимони
факултети педагогика
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Ф. Давлатзода

**Муқарризон:**

Номзади илмҳои педагогӣ З. Қурбонова

Номзади илмҳои педагогӣ Г. Қурбонова

Котиби ҷаласа, котиби илмии Шӯрои
олимони факултети педагогика Тағоев С.

Имзоҳои Ф. Давлатзода, З. Қурбонова, Г.Қурбонова-ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ
_________________ А.Мустафозода